# Такриз

**ба автореферати Қосимов Муҳаммадҷон Сафарович таҳти унвони «Муқоисаи корбурди пешояндҳо ва таҳлили маъноии онҳо дар матни бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи тарҷумаи англисии асарҳои «Ёддоштҳо», «Мактаби куҳна» ва «Аҳмади Девбанд»-и С.Айнӣ») барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар кафедраи назария ва амалияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Данғара иҷро шудааст.**

Солҳои охир нисбат ба илмӣ забоншиносӣ таваҷҷуҳи махсус ба омӯзиши муқоисавӣ равона карда шудааст. Дар ин замина, таваҷҷуҳ ба пешояндҳо хеле назаррас мебошад ва онҳо зери таҳқиқи забоншиносони гуногуни соҳа дар забонҳои мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Чи тавре, ки диссертант қайд намудааст, гарчанде омӯзиши пешояндҳо дар таҳқиқотҳои гуногуни забонҳои зикргардида ба назар расанд ҳам, онҳо дар доираи асарҳои мушаххас, махсусан аз лиҳози муқоисавӣ ва доираи корбурду корбаст то имрӯз омӯхта нашудаанд.

Имконияти тадқиқи пурраи пешояндҳои ду забон, нишон дод, ки махсусан корбурди онҳо дар таркиби асари бадеӣ, ба ҳамон маъно омадаанд, иваз нагардидани маънои аслии онҳо ва ба ин монанд масъалаҳои маъноӣ ва сохториро зимни муқоисаи асарҳои бадеӣ, ки бевосита тарҷума шуда бошанд, фароҳам овардан мумкин аст.

Қосимов М.С. асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷиро омӯхта, исбот кардааст, ки пешояндҳо ҳамчун воситаи ифодаи муносибати грамматикӣ ва семантикӣ миёни аъзоҳои ҷумла мавқеи муҳим доранд.

Дар забон пешояндҳо асоси калимаҳои ёварро ташкил медиҳанд. Дар ин баробар, зимни таҳқиқи пешояндҳо, махсусан гурӯҳи пешояндҳои мураккаб, ки дар забони тоҷикӣ зикр нашудааст, дар забони англисӣ он ба қатори масъалаҳое дохил мешавад, ки баҳсҳо дар атрофи онҳо гуногунанд.

Муҳақиқ қайд намудааст, ки дар забоншиносии англисӣ ва тоҷикӣ ва забонҳои дигар таҳқиқотҳои гуногуни илмӣ сари кор омадаанд ва актуалӣ будани онро борҳо қайд намудаанд, зеро хусусиятҳои сохторӣ ва семантикии пешояндҳо амали таҳқиқро мунтазам тақозо мекунад. Дар ҳамин андеша олими машҳур Т.Н.Маляр чунин мешуморад, ки: “ пешояндҳо маънои мушахас надоранд” ва дар ин бора зарурати таҳқиқотҳои гуногунро зикр менамояд”.

Омӯзиши хусусиятҳои калимаҳо, ташкил ва истифодаи воҳидҳои гуногуни забон, ки бевосита боигариҳои ҳамон забонро ташкил медиҳанд, имконияти ифодаҳои гуногунро ба миён меоваранд ва дар ин асос пешояндҳо мавқеи густурда доранд.

Масъалаҳои таҳқиқии пешояндҳо ва махсусан пешояндҳо дар заминаи асари бадеӣ, ки аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ бевосита тарҷума шудааст, имкон фароҳам меоварад, ки ҳолатҳои гуногуни ифодаҳои маъноии пешояндҳо, ки то имрӯз амиқ гардидаанд, омӯхта шаванд, маъноҳои муайянгардидаи онҳо дар фарҳангу луғатномаҳо мушаххас гарданд ва дар ин замина тафовут ва умумиятҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шаванд. Хусусан имконияти омӯзиши муқоисавии пешояндҳо дар заминаи маводи мушаххас имкон фароҳам меоварад, ки ҷанбаҳои гуногуни онҳо ҳам аз ҷиҳати грамматикӣ ва ҳам аз нигоҳи ифода аз як забон ба забони дигар равшан шаванд ва хусусиятҳои фарққунанда ошкор гарданд.

Ҳамин тариқ ба чунин хулоса омадан мумкин, ки сарчашмаҳои гуногуни илмӣ ишора бар он мекунанд, ки: «калимаҳои ёридиҳанда аз он ҷумла пешояндҳо ба гурӯҳи махсус дохил карда мешаванд, чунки онҳо аломатҳои асосии ҳиссаҳои дигари нутқро надоранд; калимаҳои ёридиҳанда хусусиятҳои мустақили синтаксисиро дар ҷумла надоранд, онҳо ҳамеша ба ягон ҳиссаи нутқ алоқаманд боқӣ мемонанд ва барои пайдо кардани алоқа миёни аъзоҳои ҷумла хизмат мекунанд; пешояндҳо категорияҳои грамматикӣ надоранд, яъне онҳо аз лиҳози грамматикӣ

наметавонанд шакли худро тағйир диҳанд; пешояндҳо берун аз матн маънои мушаххаси худро надоранд. Онҳо ҳамчун калимаҳои ёридиҳанда, ки барои мушаххас кардани хусусияти морфологӣ ва синтаксисии калимаҳои дигар меоянд, баромад мекунанд [7, с.87].

Қосимов М.С. дар кори худ маълум кардааст, ки муқоиса ва таҳқиқи масъалаҳои гуногуни грамматикӣ яке аз масъалаҳои мубрам дар илми забоншиносӣ ба ҳисоб меравад, зеро чунин навъи таҳқикот имкон фароҳам меоварад, ки забонҳои муқоисашаванда ҳам аз лиҳози сохтор ва ҳам аз лиҳози мувофиқатии маъноӣ пайдо намудан бо аксари масъалаҳои гуногуни забоншиносӣ шинохта шаванд ва натиҷаҳои онҳо дар корҳои гуногуни илмиву таълимӣ, аз он ҷумла тарҷума ва тарҷумашиносӣ низ мавриди истифода қарор гиранд.

Диссертатсияе, ки аз ҷониби Қосимов Муҳаммадҷон Сафарович дар мавзуи доираи корбаст ва корбурди сохториву маъноии пешояндҳо дар матни бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси асарҳои бадеӣ таҳқиқ гардидааст, барои боз ҳам хубтару амиқтар омӯхтани доираи васеи пешояндҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ хело муҳим мебошад.

Маводи диссертатсияро асару таҳқиқотҳои илмии донишмандону забоншиносони ватанию хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки бевосита ба илми забоншиносӣ робита доранд.

Чунон ки аз мутолиаи автореферат бармеояд, диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, руйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат аст.

Дар муқаддимаи таҳқиқот сухан дар бораи мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, сарчашмаи таҳқиқот, навгонии

илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия меравад.

Боби якуми диссертатсия **«Заминаҳои назарии омӯзиши пешояндҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** унвон дошта, аз ду фасл ва се зербоб иборат мебошад. Муаллиф дар боби зерин масъалаҳои таҳқиқи пешояндҳоро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муқоиса намуда, дар ин раванд, аз андешаҳои забоншиносони хориҷӣ низ истифода намудааст. Дар боби мазкур муаллиф масъалаҳои назариявии пешояндҳо, таркибҳо, нақши калимасозӣ ва андешаҳои забоншиносон оид ба калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисиро дар асоси сарчашмаҳои илмӣ шарҳ медиҳад.

Боиси хурсандӣ ҳам аст, ки муаллиф дар баъзе лаҳзаҳо фикру андешаҳои худро устувор монда, назари мушаххаси хешро роҷеъ ба доираи истифодаи пешояндҳо баён месозад.

Боби дуюми **"Таҳлили маъноии пешояндҳо ва доираи корбурди онҳодар асарҳои бадеӣ («Ёддоштҳо", "Мактаби кӯҳна" ва "Аҳмади девбанд»)"**унвон дошта, аз ду фасл ва се зербоб иборат мебошад. Муаллиф дар боби зерин масъалаҳои таҳқиқи пешояндҳоро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муқоиса намуда, дар ин раванд, аз андешаҳои забоншиносони хориҷӣ низ истифода намудааст. Хусусиятҳои муродифнокӣ, мувофиқати маъноӣ-сохторӣ ва ба ҳамин монанд масъалаҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Боби сеюми диссертатсия **Доираи корбурди пешояндҳо дар таркиби ибораҳои феълии забони англисӣ ва муқоисаи маъноии онҳо бо матни асарҳои бадеӣ"** номгузорӣ карда шуда, аз се фасл иборат аст. Дар ин боб усулҳои корбурди пешояндҳо дар такибҳои гуногун, хусусияти

тағйирпазирии маъноии онҳо дар таркиби матни асари бадеӣ, истифодаи таркиби ибораҳои феълии забони англисӣ ва муқоисаи маъноии онҳо бо матни асарҳои бадеӣ ба таври васеъ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Аз таҳқиқоти гузаронида диссертант равшан шуд, ки таҳлили маъноӣ ва сохтории пешояндҳо имконият додаанд, ки хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи онҳо дар забонҳои таҳқиқшаванда муайян гарданд.

Илова бар ин, баъзе маъноҳо ва хусусиятҳои фарққунандаи пешояндҳои мураккаби забони англисӣ, ки то имрӯз мушаххас нагардидааст, дар заминаи мисолҳо аз асарҳои интихобшудаи диссертатсия муайян шуда, таҳлил, таҳқиқ ва амиқ карда шудаанд.

Дар хулоса муаллиф нукоти асосии таҳқиқотро дар асоси маводи мушаххаси амалӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, андешаҳои хешро бо хулосаву натиҷаҳои арзишманд ҷамъбаст намудааст.

Фишурдаи диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуни рисоларо пурра инъикос менамояд ва мақолаҳои чоп намудаи муаллиф ҳам ба талабот ҷавобгӯ аст.

Бо вуҷуди дар сатҳи баланди илмӣ таълиф ёфтани диссертатсия, дар он камбудиву норасоиҳо ба чашм мерасанд:

1. Ҳарчанд маълумотҳои зиёд аз сарчашмаҳои олимони русзабон оварда шуда бошад, ҳам вале на ба дараҷаи кофӣ аст. Хуб мешуд диссертант ба ақидаҳои олимони русзабон бештар аҳамият медод.

2. Дар баъзе ҷойҳои автореферат ғалатҳои услубӣ ва имлоӣ ба чашм мерасанд.

Камбудиҳои ишорашуда ба аҳамияти таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонанд, зеро онҳо ислоҳпазиранд.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Қосимов Муҳаммадҷон Сафарович дар мавзуи «Муқоисаи корбурди пешояндҳо ва таҳлили маъноии онҳо дар матни бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи тарҷумаи англисии асарҳои «Ёддоштҳо», «Мактаби куҳна» ва

«Аҳмади Девбанд»-и С.Айнӣ»), дуруст ва пурра буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он барои дарёфти барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

доктори илмҳои филология,
директори пажӯҳишгоҳи равандҳои сиёсӣ, дипломатия ва масоили ҷаҳонишавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Раҳмонова Наргис Шарифовна

13.12.2022с

Имзои Раҳмонова Н.Ш.-ро тасдиқ мекунам,
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Бобозода Одилҷони Олим

Суроға: 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Саид Носир, 33
E-mail: info@apa.tj
Тел. моб: (+992) 224 17 86